## 3. ҚАТЪНОМАИ 58/217 – ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ ҲАЁТ”, 2005-2015

Марҳалаи навбатӣ ва мантиқии ташаккули дипломатияи об, ки ба шарофати нигоҳи стратегии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминагузорӣ гардид, эълони солҳои 2005-2015 ҳамчун **Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»** буд. Ин ташаббуси байналмилалӣ расман дар як қатор минбарҳои муҳими ҳамкориҳои бисёрҷониба, аз ҷумла ҷаласаҳои Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, пешниҳод гардида, дастгирӣ ва пуштибонии густурдаи кишварҳои узви СММ-ро ба даст овард. Тасдиқи ниҳоии мақоми ин ташаббус бо қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ № 58/217 аз 23 декабри соли 2003 амалӣ гардид, ки мақоми расмии онро ҳамчун воситаи таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонии обӣ эътироф намуд.

Дар рӯзномаи даҳсолаи «Об барои ҳаёт» масъалаҳои фавқуллода муҳим ҷой доштанд, ки на танҳо паҳлуҳои техникию инфрасохтории истифодаи об, балки масъалаҳои ҳуқуқи инсон, баробарии иҷтимоӣ ва рушди устуворро дар бар мегирифтанд. Ҳадафи марказии ташаббус таъмини дастрасии умумӣ ба оби нӯшокии бехатар ва хизматрасониҳои санитарӣ буд, бахусус дар кишварҳое, ки аз камбуди об ва норасоии инфрасохтор сахт осебпазир буданд. Ба гурӯҳҳои осебпазир давлатҳои суст рушдёфта, кишварҳои хурди ҷазирагӣ, минтақаҳои гирифтори хушксолӣ ва аҳолии осебдида аз тағйирёбии иқлим дохил мешуданд.

Сарвари давлат, бо пешбарии ин ташаббус, пайваста таъкид мекарданд, ки об набояд танҳо ҳамчун захираи табиӣ ё объекти ҳисобҳои иқтисодӣ арзёбӣ гардад. Ба назари ӯ, об ҷузъи ҷудонашавандаи шарафмандии инсон ва пояи амнияти комил – озуқаворӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Дар суханрониҳои худ аз минбари Маҷмаи Умумии СММ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба он равона намуданд, ки ҳалли мушкилоти обӣ дар маркази татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва минбаъд Ҳадафҳои рушди устувор қарор дорад. Об, ба ақидаи ӯ, бояд ҳамчун неъмати умумии ҷаҳонӣ арзёбӣ гардад, ки дастрасӣ ба он барои ҳама бидуни истисно кафолат дода шавад.

Дар доираи татбиқи даҳсолаи «Об барои ҳаёт», бо иштироки фаъоли Тоҷикистон ва таҳти сарпарастии СММ, садҳо лоиҳа ва барнома ба роҳ монда шуданд. Онҳо ба **муосирсозии низомҳои обтаъминкунӣ, бунёди иншооти тозакунии об**, **беҳсозии шароити санитарӣ, таҳияи низомҳои ҷамъоварии оби борон,** инчунин **рушди дастрасии деҳаҳо ва маҳалҳои дурдаст ба оби босифати нӯшокӣ** равона гардида буданд. Ҳамзамон таваҷҷуҳи зиёд ба боло бурдани маърифати экологӣ ва таҳсилоти вобаста ба об равона шуд, ки ин бо таҳияи барномаҳои таълимӣ, омодасозии мутахассисон ва баргузории маъракаҳои иттилоотӣ таъмин гардид.

Яке аз дастовардҳои назарраси даҳсолаи мазкур таҳкими механизмҳои ҳамкориҳои фаромарзии обӣ буд. Дар як қатор минтақаҳои ҷаҳон, ба мисоли

Осиёи Марказӣ, Амрикои Лотинӣ ва Африқо, ҳамгироии кишварҳо оид ба идоракунии муштараки ҳавзаҳои обӣ вусъат ёфт. Барои Тоҷикистон, ки қисми зиёди захираҳои обиаш дар кӯҳҳо ташаккул меёбанд ва ба тавозуни обии кишварҳои ҳамсоя таъсир мерасонанд, ин масъала аҳамияти хос дошт. Дастгирии лоиҳаҳои фаромарзӣ, аз ҷумла таҳияи созишномаҳо оид ба дарёи Панҷ, фаъолсозии Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва иштироки фаъол дар форумҳои минтақавии обӣ, ҷузъи татбиқи стратегия «Об барои ҳаёт» гардид.

Дар доираи даҳсолаи мазкур ҳамкории байнисозмонӣ, илмӣ, шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба таври назаррас тақвият ёфт. Ин равиш, ки бар пояи принсипҳои шарикӣ ва эътимоди мутақобил асос ёфта, шароити мусоидро барои татбиқи технологияҳои инноватсионии обӣ, истифодаи мониторинги кайҳонӣ, рушди низомҳои ҳушдордиҳии барвақт аз хушксолӣ ва обхезӣ, инчунин боло бурдани нақши занон ва ҷавонон дар идоракунии захираҳои обӣ фароҳам овард.

Иқдоми мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар шакли Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» амалӣ гардид, на танҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ натиҷаҳои мушаххас ба бор овард, балки нигоҳи ҷаҳонӣ оид ба обро низ дигаргун сохт. Ин даҳсола андешаи устуворро қавӣ гардонд, ки **идоракунии одилона ва устувори захираҳои обӣ** ҷузъи ҷудонашавандаи муносибати мукаммал ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва башардӯстонаи ҷаҳони муосир мебошад.

Давраи солҳои 2005-2015 ба марҳилаи тафаккури амиқ дар бораи нақши об дар ҷаҳон табдил ёфт. Маҳз бо роҳбарии Пешвои миллат Тоҷикистон ба ташаббускори тағйироти низомӣ дар рӯзномаи ҷаҳонии об табдил шуд. Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» ба як зинаи пайвандгар миёни марҳалаи аввал – Соли байналмилалии оби тоза ва ташаббусҳои минбаъда, аз ҷумла **Даҳсолаи «Об барои рушди устувор»**, табдил ёфт. Ин пайдарпайӣ ва пайвастагӣ заминаи асоси ташаккули **дипломатияи сабзи Тоҷикистон** дар ду даҳсолаи охир гардид.

Созмони Милали Муттаҳид
**A**/RES/58/217

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
9 February 2004

**Иҷлосияи панҷоҳу ҳаштум**

Банди 95-уми барномаи рӯз

## Қатънома, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 23 декабри соли 2003 қабул шудааст

[бар асоси гузориши Кумитаи дуюм (A/58/485)]

## 58/217. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015

*Маҷмаи Умумӣ,*

*бо истинод* ба қатъномаи худ 55/196 аз 20 декабри соли 2000, ки бо он Соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза эълон гардид, ва қатъномаи худ 56/192 аз 21 декабри соли 2001 оид ба раванди омодагӣ ба Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003,

*бо таъкид* бар он, ки захираҳои об барои рушди устувор, аз ҷумла якпорчагии экологӣ, рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ муҳим буда, барои саломатӣ ва некӯаҳволии инсон заруранд,

дар заминаи муқаррароти Барномаи амал «Рӯзномаи асри XXI[1], Барномаҳои амал оид ба идомаи татбиқи Ҳадафномаи амал барои асри XXI, ки дар ҷаласаи махсуси нуздаҳуми он қабул гардидааст,[2] Нақшаи иҷрои қарорҳои Анҷумани умумиҷаҳонӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди устувор («Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург»),[3] ва қарорҳои Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва Комиссияи оид ба рушди устувор дар ҷаласаи шашуми он[4], марбут ба оби тоза,

*бори дигар таъкид менамояд, ки ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқаёфта дар соҳаи* таъмини об ва санитария, аз ҷумла онҳое, ки дар

---

*[1] Гузориши Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд,шаҳри Рио-де-Жанейро, 3–14 июни соли 1992 (нашри Созмони Милали Муттаҳид,фурӯшӣ таҳти № R.93.I.8 ва боислоҳот), ҷилди I: Қатъномаҳои дар Конфронс қабулшуда,қатъномаи 1, замимаи II*
*[2] Қатъномаи S-19/2, замима.*
*[3] Гузориши Анҷумани умумиҷаҳонӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди устувор,шаҳри Йоханнесбург, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, 26 августи – 4 сентябри соли 2002 (нашри Созмони Милали Муттаҳид, фурӯшӣ таҳти № R.03.II.A.1 ва бо ислоҳот), сарлавҳаи I, қатъномаи 2, замима.*
*[4] Ниг. Ҳисоботҳои расмии Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, соли 1998, Замимаи № 9 (E/1998/29).*

Эъломияи ҳазораи Созмони Милали Муттаҳид зикр шудаанд[5], ва бо иродаи устувор барои то соли 2015 ба нисф коҳиш додани ҳиссаи аҳолие, ки аз дастрасӣ ба оби ошомидании бехатар, аз ҷумла бинобар набудани воситаҳои зарурӣ, маҳруманд, инчунин барои амалӣ намудани ҳадафи ҳамсон, ки дар «Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург» пешбинӣ шудааст, оид ба то нисф коҳиш додани ҳиссаи аҳолие, ки аз дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосӣ дар соҳаи санитария маҳруманд,

*бо дар* назар гирифтани мазмуни нашрияи «United Nations World Water Development Report: Water for People, Water for Life» («Гузориши Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди захираҳои обии ҷаҳон: об барои мардум, об барои зиндагӣ»[6]) - лоиҳаи муштараки 23 муассисаи ихтисосии соҳа ва дигар ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид, инчунин дигар механизмҳо ва ташаббусҳои ҳамкорӣ, марбут ба захираҳои обӣ,

*бо дар назар гирифтани* Эъломияи вазирон бо унвони «Паём аз кӯли Бива ва ҳавзаи дарёи Йодо», ки 23 марти соли 2003 дар Конфронси сатҳи вазирон ба муносибати Форуми сеюми ҷаҳонӣ оид ба захираҳои об, баргузоргардида дар шаҳри Киото, Ҷопон[7] қабул шудааст, инчунин Даъвати Форуми Душанбе оид ба оби тоза, ки 1 сентябри соли 2003 дар Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза, баргузоршуда дар шаҳри Душанбе аз 29 август то 1 сентябри соли 2003, қабул гардидааст [8],

1. *давраи солҳои* 2005-2015-ро, аз Рӯзи байналмилалии захираҳои об, 22 марти соли 2005, оғоз ёфта, Даҳсолаи байналмилалии амалҳо «Об барои ҳаёт» эълон менамояд;

2. *қарор мекунад*, ки ҳадафҳои Даҳсола бояд дар ҷалби таваҷҷуҳи бештар ба мушкилоти вобаста ба захираҳои обӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои марбут ба захираҳои обӣ, бо таъкид ба таъмини иштироку ҷалби занон дар ҷанбаҳои фаъолияти рушд, ки ба захираҳои обӣ марбутанд, ҳамчунин дар рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳамаи сатҳҳо бо мақсади мусоидат ба ноил шудан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқаёфта дар соҳаи захираҳои обӣ, ки дар Ҳадафномаи амал барои асри XXI[1] ва Барномаи амал оид ба идомаи татбиқи Ҳадафномаи амал барои асри XXI[2], Эъломияи ҳазораи Созмони Милали Муттаҳид [5] ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург[3] баён ёфтаанд, инчунин, дар ҳолатҳои дахлдор, ҳадафҳое, ки дар ҷаласаҳои дувоздаҳум ва сенздаҳуми Комиссияи оид ба рушди устувор муайян шудаанд, ифода ёбанд;

3. *аз қарори* Комиссия оид ба рушди устувор дар ҷаласаи ёздаҳуми он қабулшуда пазироӣ менамояд, ки мувофиқи барномаи бисёрсолаи фаъолияти худ масъалаҳои захираҳои обӣ, санитария ва маҳалҳои аҳолинишинро

---

[5] *Ниг. қатъномаи 55/2.*
[6] *United Nations publication, Sales No.E.03.II.A.2.*
[7] *A/57/785, замима.*
[8] *A/58/362, замима.*

ҳамчун бастаи мавзуӣ барои давраи нахустини солҳои 2004-2005[9] тасдиқ намудааст, ва ба Комиссия пешниҳод менамояд, ки дар ҳудуди захираҳои мавҷуда, дар ҷараёни баррасии бастаи мавзуии масъалаҳои захираҳои обӣ, санитария ва маҳалҳои аҳолинишин, ки дар ҷаласаҳои дувоздаҳум ва сенздаҳуми он пешбинӣ гардидааст, чорабиниҳо ва барномаҳои имконпазирро вобаста ба Даҳсола тарҳрезӣ намояд;

4. ба Дабири кул пешниҳод менамояд , ки бо дарназардошти натиҷаҳои баргузории Соли байналмилалии оби тоза ва фаъолияти Комиссияи оид ба рушди устувор дар ҷаласаҳои дувоздаҳум ва сенздаҳуми он, чораҳои заруриро ҷиҳати ташкил намудани чорабиниҳо дар чорчӯби Даҳсола амалӣ намояд;

5. аз мақомоти дахлдори Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои ихтисосӣ, комиссияҳои минтақавӣ ва дигар ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид даъват менамояд, ки бо истифода аз захираҳои мавҷуда ва саҳмияҳои ихтиёрӣ тадбирҳои ҳамоҳангшудаи ҷавобӣ андешанд, то ки Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» воқеан ба даҳсолаи амал табдил ёбад.

*Ҷаласаи 78-уми пленарӣ,*
*23 декабри соли 2003*

[9] *Ниг. Ҳисоботҳои расмии Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, соли 2003, Замимаи № 9 (E/2003/29), сарлавҳаи I, фасли A.*